Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5) E-mail: www.iutet.tj

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи "Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ)

Сайёҳии аграрӣ яке аз самтҳои муҳими рушди сайёҳии деҳот ба ҳисоб меравад. Он имконият медиҳад, ки захираҳои кишоварзӣ, анъанаҳои миллӣ, фарҳанги маҳаллӣ ва муҳити табиии деҳот ҳамчун заминаи рушди фаъолияти сайёҳӣ истифода шаванд. Мафҳуми рушди устувор дар сайёҳии аграрӣ ба нигоҳ доштани тавозун байни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ асос меёбад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, рушди сайёҳии аграрӣ метавонад барои деҳқонон ва соҳибкорони маҳаллӣ манбаи иловагии даромад фароҳам оварда, ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳад. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, он метавонад ба ҳифзи ҳунарҳои мардумӣ, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ ва тарзи ҳаёти деҳот мусоидат кунад. Аз ҷиҳати экологӣ бошад, истифодаи оқилонаи замин, ҳифзи манзараҳои табиӣ ва коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти сайёҳӣ аҳамияти муҳим дорад.

Тавре маълум аст дар ҳоли ҳозир мубрамияти рушди устувори сайёҳии аграрӣ аз зарурияти ҳифзу ташвиқи тарзи ҳаёти деҳот дар шароити урбанизатсия, беҳгардонии сифати зиндагии деҳотиён, ҳифзу истифодаи оқилонаи сарватҳои таърихию фарҳангӣ, дороиҳои ҳудуд, объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ, эҳё ва танаввуи иқтисоди кишоварзӣ, дар ҷомеа ташаккул додани тафаккури экологӣ бармеояд.

Сайёҳии аграрӣ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ марбути минтақаҳои муайян аст, бинобар ин, коркарди усулҳои назариявию методӣ ва амалии рушди он ба шароити минтақа, заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таърихию фарҳангӣ, ниҳодӣ ва ғайра вобастагӣ дорад. Маҳалҳои деҳот дорои маҷмуи васеи захираҳои табиӣ, демографӣ ва иқтисодӣ буда, ҳамзамон мероси ғании таърихию фарҳангиро дар бар мегиранд. Самаранок ва оқилона истифода бурдани ин иқтидорҳо шароити мусоидро барои таъмини рушди устувори бисёрҷанбаи деҳот фароҳам оварда, инчунин

барои минтақа имконияти ташаккули бартариҳои нави рақобатиро муҳайё месозад.

Бо вуҷуди ин иқтидори мавҷудаи сайёҳии аграрӣ ба пуррагӣ татбиқ нашудааст, яъне саҳми он дар рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот ночиз мебошад. Сабаби ин таваҷҷуҳи ками муҳаққиқон ба масъалаҳои ташаккули механизми иқтисодии муассири рушди сайёҳии деҳотӣ дар соҳа ва тамоми ҷумҳурӣ, асоснокии шаклу олоти ҷалби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, хусусан аҳолии деҳот ба ҳамкорӣ бо мақсади рушди устувори сайёҳии аграрӣ ва минтақаҳои деҳот мебошад.

Ҳалли мушкилоти мазкур истифодаи равиши комплексӣ ва муназзами таҳқиқи масъалаи мавриди назар, мутобиқсозии таҷрибаи пешқадами хориҷии рушди устувори сайёҳии аграрӣ ба воқеияти миллиро талаб мекунад.

Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки масъалаҳои таъмини иқтисодии ташкилӣ, илмии методии рушди сайёҳии аграрӣ, хусусан дар доираи идораи минтақавӣ ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудаанд ва омӯзиши васеътари илмӣро металабанд.

Аз тарафи муаллиф дар робита бо ин дар тадқиқоти диссертатсионӣ равишҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ тадқиқгардида ба низом оварда ва такмил дода шуда, тавсияҳо оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодӣ ва таъмини методии рушди сайёҳии аграрӣ дар вилоят дода шудаанд. Муқаррароти иҷтимоию иқтисодӣ ва ниҳодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин коркарди нокифояи масъалаи мазкур мубрамият, ҳадафмандӣ ва самти амалии тадқиқоти мазкурро собит мекунанд.

Муаллифи диссертатсия яке аз мавзуъҳои мубрамро мавриди таҳқиқот қарор додааст, ки муҳтавои автореферат фарогири тамоми паҳлӯҳои асоси кор мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф дуруст зикр намудааст, ки дар шароити муосир барои Тоҷикистон ва махсусан минтақаҳои он рушди сайёҳии аграрӣ метавонад бо имкониятҳои минтақаҳои деҳот, боғдорӣ, токпарварӣ, чорводорӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, таомҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ алоқаманд бошад. Ҳамкории мақомоти маҳаллӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорон ва ҷомеаҳои маҳаллӣ метавонад барои ташкили инфрасохтор ва хизматрасониҳои мувофиқ замина фароҳам оварад.

Бояд зикр намуд, ки дар таҳқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот, ба монанди абстраксияи илмӣ, таснифот, муқоиса, қаторҳои динамикӣ, индуксия, дедуксия, инчунин равиши системавӣ, оморӣ, арифметикӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра истифода бурда шуданд.

Хулоса, бояд ибрози андеша намуд, ки новобаста аз оне, ки автореферат чиҳатҳои мусбӣ дорад, дар он ҳамчунин камбудие ба назар мерасад, ки онро қайд намудан бамаврид аст: агар муаллиф мушаххастар сарчашмаи маблағгузориҳоро ба амалисозии самтҳои асосӣ ва дурнамои рушди устувори сайёҳии аграрӣ ва роҳҳои таъмини самаранокии истифодаи онҳоро пешниҳод намуда, саҳми чунин сармоягузориҳоро дар ММД - и кишвар муайян менамуд, мувофиқи мақсад мегардид.

Камбудии мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани он барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмилалии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 8, хонаи 78, ҳуҷраи 18, Телефон: (+992) 92-777-77-35, E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои Ризозода Т.Р.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ,
н.и.ҳ., дотсент Бобоев А.Х.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, телефон: +992(3422)23811, факс: +992(3422)25170; e-mail: Info@tsulbp.tj, tsulbp@rambler.ru

«14» 10 соли 2026